«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А.
________________________________
«___» ______________ 2022с.

**Хулосаи**
**ҷаласаи ғайринавбатии шурои олимони факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Диссертатсияи Халифазода Саидаҳтам дар мавзуи «Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи Ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод карда шудааст, дар кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Халифазода Саидаҳтам солҳои 2017-2021 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таҳқиқоти илмӣ намудааст.

Тибқи қарори шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 29-уми декабри соли 2017 суратмаҷлиси №155/И мавзуи диссертатсияи унвонҷӯ Халифазода Саидаҳтам бо номи «Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» зери роҳбарии н.и.и., дотсент Шералиев Э.Н. тасдиқ карда шудааст.

Диссертатсияи илмии Халифазода Саидаҳтам дар ҷаласаи якҷояи ғайринавбатии кафедраҳои молия, андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 18-уми июни соли 2022, суратмаҷлиси №11 муҳокима гардидааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи илмӣ дар мавзуи «Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

1. **Баҳои кори иҷрошуда.** Татбиқи амалии сиёсати андозӣ аз бисёр ҷиҳат аз такмили механизми маъмурикунонии андоз, бахусус дуруст ба роҳ мондани баҳисобгирии объектҳои андозбандӣ, баҳодиҳии хавфҳои андозӣ ва дар заминаи он пурзӯр намудани назорату санҷишҳои андозӣ вобастагии калон дорад. Масоил ва мушкилоти мазкур аз баланд бардоштани самаранокии низоми андозӣ ва такмили механизми маъмурикунонии он, беҳтар намудани фаъолияти кормандони мақомоти андоз ва ҳавасмандии иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ маншаъ гирифта, таҳқиқи назариявӣ - амалӣ ва пешниҳоду хулосаҳои мушаххасро оид ба такмили механизми маъмурикунонии андоз тақозо менамояд, ки он барои суботи молиявии кишвар барои солҳои тӯлонӣ хизмат хоҳад кард. Ҳалли масъалаҳои мазкур мубрамият ва муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти илмиро муайян намудааст.

**2. Саҳми шахсии довталаб.** Саҳми шахсии довталаб дар он муайян мегардад, ки иҷрои нақшаи кори диссертатсионӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноккунӣ, мақсад, вазифаҳо, мубрамият ва аҳамиятнокии он аз ҷониби диссертант таҳия гардидааст. Тавсияҳои мазкур метавонанд ҳангоми такмил ва татбиқи сиёсати андоз ва маъмурикунонии андозҳо, ҷорӣ намудани шаклҳои муосир ва пешқадами маъмурикунонии андоз, аз ҷумла назоратҳои андозӣ, таъмини фаъолияти самараноки мақомоти андози кишвар мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Дар таҳқиқоти анҷомгардида ҳамаи он масъалаҳое, ки дар самти такмили маъмурикунонии андоз зарурӣ мебошанд, таҳлил гардида, тавассути маълумотҳои дақиқи соҳавӣ асоснок карда шуда, пайдарпайии таҳқиқи назария, методология ва амалия дар сатҳи зарурӣ арзёбӣ гардидаанд. Ҳамчунин тамоми масъалаҳо ва пешниҳоду арзёбиҳо бо далелу рақамҳои оморӣ, ҳисоботи кумитаҳо, вазорату идораҳои дахлдор вобаста ба мавзуи таҳқиқгардида асоснок карда шудаанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос меёбанд.

**3. Мақсади таҳқиқот** аз омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ - методологии низоми маъмурикунонии андоз, татбиқи амалӣ ва арзёбии самаранокии он, нишон додани роҳҳо ва самтҳои такмили минбаъдаи маъмурикунонии андоз иборат мебошад.

**4. Навгонии таҳқиқоти илмиро** асоснок намудани бо ҷанбаҳои назариявӣ - методологии низоми маъмурикунонии андоз ва пешниҳодҳои амалӣ, ҷиҳати беҳтар намудани маъмурикунонии андозҳо оид ба ҷамъоварии саривақтии маблағҳои андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ ташкил медиҳад. Унсурҳои асосии навгонии илмӣ инҳоянд:

-дар асоси омӯзиш ва ҷамъбасти дастаҷамъонаи нуктаҳои мухталифи назариявӣ таърифи худи муаллиф оид ба мафҳуми «маъмурикунонии андоз» пешниҳод гардидааст;

-усулҳо ва вазифаҳои асосии ташаккул ва такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити имрӯза нишон дода шудааст, ки он ба мукаммалгардонии низоми андозбандӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти андоз, беҳтар намудани сатҳ ва сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон барои иҷрои уҳдадориҳои андозиашон, назорати самаранокии истифодаи имтиёзҳои андозӣ равона карда шуда, бо назардошти таҷрибаи такмили маъмурикунонии андоз дар кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ муайян ва мушаххас гардидаанд;

-вазъи имрӯзаи низоми андоз дар ҷумҳурӣ мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор дода шуда, раванди маъмурикунонии андоз, аз ҷумла баҳисобгирии объектҳои андозбандӣ ва ба андозбандӣ алоқаманд, назорати андоз, меъёру имтиёзҳои андозӣ, чораҳои маҷбуран ситонидани қарзҳои андозӣ, нишондиҳандаҳои

асосии баҳои самаранокии фаъолияти мақомоти андоз муайян, қиёс ва баҳодиҳию натиҷагирӣ карда шудааст;

- самтҳо ва роҳҳои асосии такмили низоми маъмурикунонии андоз дар ҷумҳурӣ пешниҳод гардидааст, ки он ба истифодаи технологияҳои муосир ва рушди иқтисоди рақамӣ дар раванди андозбандӣ, маҳдуд намудани санҷишҳои андоз бо роҳи истифодаи механизмҳои муосири назорати андозӣ, роҳандозӣ намудан меъёрҳо ва усулҳои нави андозбандӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва дар ин замина ҷалби бештари сармояҳо ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ нигаронида шудааст;

-чораҳои танзими давлатии такмили низоми маъмурикунонии андоз муайян ва мушаххас карда шудааст, ки ба роҳ мондани механизми муосир ва самараноки назоратҳои андозӣ, бо истифода аз технологияҳои итилоотии муосир баланд бардоштани сатҳу сифати маъмурикунонии андоз, додани афзалият ба худҳисобкунии андозҳо, баҳодиҳии самаранокии имтиёзҳои андозӣ, танзими саривақтии воридшавии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ асос ёфта, ба дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди иқтисодиёти миллӣ, дар ин замина фаъолияти самаранокии низоми андозӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат менамояд;

- модели баҳои самаранокии низоми маъмурикунонии андоз дар ҷумҳурӣ таҳқиқ ва пешниҳод карда шудааст, ки он ба ҷамъоварии саривақтии маблағҳои андозӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, истифодаи самараноки имтиёзҳои андозӣ, ҳавасмандии молиявии андозсупорандагон, ки он сарфаи вақти андозсупорандагон ва бо хароҷоти нисбатан кам иҷро намудани уҳдадориҳои андозӣ, дастгирии молиявии давлатӣ ва бештар ворид гардидани андозу пардохтҳоро ба буҷети давлатӣ таъмин менамояд.

**5. Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои илмии диссертатсия ба ташаккули ҷанбаҳои назариявӣ - методологии низоми маъмурикунонии андоз ва рушди низоми андозбандӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат менамоянд. Қисман хулоса ва тавсияҳои илмӣ - амалии кори диссертатсионӣ, дар мақомоти андоз, ки барои ҳисоб ва пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ масъуланд, истифода карда шудаанд ва ё ин, ки дар оянда метавонанд истифода гарданд. Махсусан, ҳангоми такмили сиёсати андоз дар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар раванди татбиқи амалии сиёсати андоз дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дигар мақомоти дахлдор, ки дар ҷараёни маъмурикунонии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет иштирок менамоянд, метавонанд истифода бурда шаванд.

Баъзе аз хулоса ва пешниҳодҳо, ки дар кори илмӣ дарҷ гардидаанд, аз рӯйи мавқеи назариявӣ ва амалӣ барои рушди низоми андозӣ, беҳтар намудани маъмурикунонии андозҳо, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасони ба андозсупорандагон ва ҷамъоварии андозҳо, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, паст намудани меъёрҳои андозҳо, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ мусоидат карда метавонад.

5. **Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунанд: 1.1. Равандҳои методологию сохтории ташаккули системаи молиявӣ; 1.3. Назария ва методологияи таъсири системаи молиявӣ дар рушди иқтисодиёт; 2.4. Пешгӯӣ ва банақшагирии буҷетию андозӣ дар иқтисоди бозорӣ; 2.5. Танзими андоз дар бахшҳои иқтисодиёт; 2.6. Назарияи танзими системаи буҷетию андозӣ; 2.9. Асосҳои назариявӣ, афзалиятҳои сиёсати андозӣ ва самтҳои асосии ислоҳоти системаи андозӣ.

**6. Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.**

Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ва раванди баргузор кардани дарсҳои лексионӣ ва семинарӣ пешниҳод карда шудаанд.

**7. Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 9 кори илмӣ, аз ҷумла 6 - тои он дар маҷаллаҳои шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 3,1 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

**8. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат буда, муҳтавои кор дар 192 саҳифаи матни компютерӣ баён гардидааст, ки шомили 23 ҷадвал, 3 диаграмма ва 8 расм мебошад. Феҳристи адабиёти истифодашуда номгӯйи сарчашмаҳои мавриди истифода қароргирифта, аз ҷумла муаллифони ватанӣ ва хориҷиро дар бар мегирад.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ТАҲҚИҚОТ

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1-М]. Халифазода С. Мавқеъ ва аҳамияти имтиёзҳои андозӣ дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С. Халифазода, Э.Н. Шералиев // Паёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.- Душанбе, 2019. -№ 1 (17). -С. 36-45. ISSN 2663-0389.

[2-М]. Халифазода С. Таҷрибаи хориҷӣ оид ба такмили механизми маъмурикунии андоз. Қисми I. [Матн] / С. Халифазода, Э.Н. Шералиев // Паёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.- Душанбе, 2022. -№ 1 (30). -С. 149-158. ISSN 2663-0389.

[3-М]. Халифазода С. Ҷанбаҳои методологии такмили механизми маъмурикунонии андоз дар шароити буҳрони молиявӣ –иқтисодӣ [Матн]/ С. Халифазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- Душанбе, 2022. -№3 (30). -С. 194-204. ISSN 2413-5151.

[4-М]. Халифазода С. Теоретические аспекты формирования и развития механизма налогового администрирования в условиях условиях рыночной

экономики [Текст]/ С. Халифазода, Э.Н. Шералиев // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - Душанбе, 2022. -№4. -С. 146-155. ISSN 2308-054X.
[5-М]. Халифазода С. Таҷрибаи хориҷӣ оид ба такмили механизми маъмурикунии андоз. Қисми II. [Матн] / С. Халифазода // Паёми Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. -№1. -С. 216-225. ISSN 2664-0651.
[6-М]. Халифазода С. Ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир. [Матн] / С. Халифазода // Паёми Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. - Душанбе, 2022. -№4. -С. 207-207. ISSN 2074-5435.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[7-М]. Халифазода С. Ҷанбаҳои назариявии такмили механизми маъмурикунонии андоз дар шароити буҳронӣ [Матн]/ С. Халифазода, Э.Н. Шералиев / Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ- амалӣ дар мавзуи Вазъи низоми бонкиии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пандемияи коронавирус. – ш. Кӯлоб 2021.- С. 333.336.
[8-М]. Халифазода С. Ҷанбаҳои методологии такмили механизми назорати андоз дар шароити иқтисоди бозор [Матн]/ С. Халифазода, Э.Н. Шералиев / Маводи конфронси ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Механизми татбиқи сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити индустриаликунонии мамлакат". - Душанбе, 2021.-С. 305-308.
[9-М]. Халифазода С. Танзими назорати андозӣ дар шароити буҳрони молиявӣ- иқтисодӣ [Матн] / С. Халифазода, Э.Н. Шералиев / Маводи конфронси байналмилалӣ дар мавзуи "Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналмилалӣ". -Душанбе, 2021. -С. 131-134.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи Халифазода Саидаҳтам дар мавзуи «Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.
2. Диссертатсияи Халифазода Саидаҳтам дар мавзуи «Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди ДДМИТ пешниҳод карда шавад;
3. Қарори шурои олимони факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2022, суратмаҷлиси №4 тасдиқ карда шавад.

4. Назорати қарори мазкур ба зиммаи раиси Шӯрои олимон, декани факултет вогузор карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдор- 18, муқобил- нест, бетараф- нест.

**Раиси ҷаласа:**
Декани факултети молия ва қарз
н.и.и., дотсент Нурализода А.Н.

**Котиби илмӣ:**
н.и.и., дотсенти
кафедраи фаъолияти бонкӣ Махшулов С.Ҷ.

**Муқарризи холис:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
директори Пажӯҳишгоҳи
илмӣ-тадқиқотии "Молия" Ҷумъабоев Х.Қ.

**Муқарризи холис:**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсент, мудири кафедраи андоз ва
андозбандии ДМТ Гулов Ш.

Имзоҳои Нурализода А.Н., Махшулов С.Ҷ. ва Ҷумъабоев Х.Қ.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДМИТ Шарипов У.А.

Имзои Гулов Ш.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э